**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «31» 05 соли 2024 № 160/ди ш. Душанбе

*Дар бораи додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 2 (ду) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 2 (ду) адад дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки барои дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2024, №6.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» _________ соли 2024, №

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии номзади илм сазовор дониста шудаанд
ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии
номзади илм дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илм | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод намудааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Кудратова Шарифа Хусейновна | 6D.KOA-010 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои химия |
| 2. | Эшонқулов Алишер Алигулович | 6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои физикаю математика |